# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи номзадии Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи **«Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)»** аз рӯйи ихтисоси 6.1-Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1-Таърихи ватанӣ).

Таърихи мақомоти милитсияи тоҷик яке аз саҳифаҳои таърихи халқи тоҷик маҳсуб меёбад. Фаъолияти мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ба омодасозии кадрҳои баландихтисос вобастагии зич дорад. Дар илми таърихи ватанӣ таърихи муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ нагардидааст. Аз ин лиҳоз, мавзуи диссертатсионии Ташрифзода Фозил Қурбон маҳз ба ҳамин мавзуи таҳқиқнашуда бахшида шудааст.

Муаллифи диссертатсия мавзуи мазкурро дар доираи хронологии солҳои 1991-2024 таҳқиқ намуда, дар навиштани он аз осори олимони ватанӣ, муаррихон, ҳуқуқшиносон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва маълумотҳои бойгонӣ истифода намудааст.

Мубрамии мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби муаллиф таҳқиқ гардида, дар он авлавияти сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат дар ин самти муҳими сиёсати давлатӣ дарҷ гардида, афзалияти омодасозии кадрҳо дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини амнияти миллӣ, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва боло бурдани маърифати касбию ҳуқуқии кормандонии МКД таҳлилу баррасӣ гардидааст. Муаллиф фаъолияти муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилиро дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ мавриди омӯзиш қарор дода, бартарии онро нисбат ба замони шуравӣ нишон додааст.

Дар доираи таҳқиқоти илмӣ табдли Мактаби Олии ВКД-ро ба Академия ва ҳамчунин таъсиси муассисаҳои таълимии касбии махсусро ки дар тобеъияти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд мавриди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ қарор дода, афкори мушаххаси илмии худро дар пешрафти талаботҳои касбӣ нисбати афсарони минбаъдаи МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фарҳанги касбии онҳо баён намудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот таърихи таъсис факултетҳои Академия, шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашр, таъсиси шуъбаи адъюнктураи Академия ва кафедраҳои он инъикоси илмии худро дар рисола ёфтаанд.

Ҳамчунин, муаллиф ҷиҳати ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ кардани раванди таълиму тарбия, пешбурди корҳои илмӣ, таърихи равобити байналмилалии Академияи ВКД-ро бо дигар муассисаҳои олии

таълимии давлатҳои иштирокчии ИДМ мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст.
Муаллиф баҳри тақвияти минбаъдаи омодасозии кадрҳо дар низоми МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои илмии худро дар доираи Стратегияи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 пешниход намудааст.

Рисола аз се боб муаллиф воб ба ҳар боб хулосаҳои мушаххас баён намуда натиҷагирии таҳқиқоташро дар хулосаи умумӣ баён намудааст.

Мавзуи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих дар асоси талаботҳои шиносномаҳои ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 6.1- Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.1-Таърихи ватанӣ) мутобиқ мебошад.

Ҳамин тариқ, рисолаи номзадии Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, андешаҳои муаллиф ва хулосаҳои ӯ боварибахш буда, таклифу тавсияҳои мушаххас ҷиҳати ташаккули минбаъдаи омодасозии кадрҳо баён гардидааст.

Дар рисола як қатор ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расида, онҳо ислоҳпазир мебошанд ва мазмун, мундариҷа ва муҳтавои рисоларо коста намекунанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, рисолаи номзадии Ташрифзода Фозил Қурбон дар мавзуи «Таърихи таъсис ва рушди муассисаҳои таълимии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991-2024)» кори анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих омода мебошад.

**Номзади илми таърих (н.и.т.),**
**дотсент, мудири кафедраи**
**минтақашиносии хориҷӣ**
**ва сиесатӣ берунаи ДСРТ** **Абдубасиров А.А.**

**Имзои номзади илми таърих (н.и.т)**
**дотсент, мудири кафедраи минтақашиносии**
**хориҷӣ ва сиесатӣ берунаи ДСРТ А.А. Абдубасировро**
**тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳои ДСРТ** **Исмаилова М.Н.**

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

16.02.2026

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.**
**Душанбе, хиёбони М. Турсунзода, 30.**
**Тел. +992(37) 277693**